**Номаи табрикотии Раиси нохияи Зафарobод Исмоилзода Зуфар Муртазохон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Чумхурии Точикистон**

Бо самимият ва эхтироми беандоза мардуми шарафманди нохияи Зафарободро бо Рӯзи Парчами давлатии Чумхурии Точикистон табрику муборакбод менамоям.

Ба хамагон маълум аст, ки дар таърихи башарият ливо, парчам, дирафш аз даврахои кадим хамчун рамзи давлатдорӣ истифода бурда мешуд. Парчамдорию парчамбардорӣ барои ачдодони мо хануз пеш аз замони Сосониён, баъд аз он, ки Коваи охангар пешдомани худро байрак карда, ба мукобили душманон хест, ба расмият ворид шуд. Дар ин бора дар асари безаволи Абулкосими Фирдавсӣ «**Шохнома**», ки намунаи барчастаи осори ватандӯстӣ ва таргибгари некию мардонагист аз муборизаи Кова ба мукобили Заххоки хунхор хикоя карда мешавад. Аз он замон сар карда, парчам чун рамзи озодӣ, давлату давлатдорӣ байни ачдодони мо кабул ва шоистаи парастиш карор гирифтааст. Парчам ифтихор ва сарбаландии миллат аст. Чумхурии Точикистон чун давлати сохибистиклол дорои Нишон, Суруди миллӣ, Парчам, Конститутсия, забони давлатӣ ва пойтахти худ – шахри хамешасабзу чавон – Душанбе аст, ки гиромидошту эхтироми он барои хар як сокини кишвар карзу фарз аст.

Чи хеле, ки Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Чаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Рахмон зикр кардаанд: «**Парчами миллӣ ифодагари икболу истиклол, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва хуввияти**

**миллии мардуми кӯханбунёду фархангии мо мебошад»**

.

Боиси шарафмандии мо аст, ки имрӯз Парчами давлатии Чумхурии Точикистон дар пештоки бинохои бонуфузтарин созмонхои байналмиллалию умумичахонӣ, ки кишвари мо ба онхо узвият дорад, парафшонӣ мекунад ва ин бархак мояи ифтихору рӯхбаландӣ ва эхтироми хамаи хамватанони мо мебошад. Ба хотири гиромидошти Парчами миллӣ дар тарбияи хисси ватандӯстию механпарастии насли навраси чавонон дар яке аз мавзеъхои зеботарини пойтахти кишварамон шахри Душанбе бо ибтикор ва ташаббуси Президенти кишвар дар баландтарин поя насб шудани Парчами давлатии Точикистон, хисси механпарварӣ, худогохию хештаншиносии хар фарди ватандорро зиёда мекунад.

Тачлили Рӯзи Парчами давлатии Чумхурии Точикистон чун нишони садокати мардуми кишвар ба анъанахои кахрамононаи авлоду ачдоди сарбаланд, арчгузорӣ ба арзишхои умумимиллӣ арзёбӣ мешавад ва он тачассуми максаду мароми мо дар рохи эъмори давлати демокративу хукукбунёду дунявист.

Ба шарофати ичрои дастуру супоришхои Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ва дастгирии хаматарафаи Раиси вилояти Сугд мухтарам Рачаббой Ахмадзода мардуми мехнаткарину ватандӯсти нохияи Зафаробод имрӯз бо шукргузорӣ аз даврони Истиклол ва фазои орому осуда зери Парчами Чумхурии сохибихтиёри Точикистон бо мехнати дастчамъонаву самараовари худ ба шукуфоии кишвар ва фардои дурахшони Ватани азизамон сахмгузор хастанд. Ин тачассуми дастгирии сиёсати ояндасози давлату хукумат ва гояхои дурандешонаи Рохбари давлат аз чониби кулли сокинони нохия мебошад.

Бори дигар Шумо, хамдиёрони азизро бо тачлили Рӯзи Парчами давлати Чумхурии Точикистон сидкан муборакбод гуфта, бароятон тандурустиву хонаободӣ, осудагиву рӯзгори фаровон ва дар кори ободиву созандагии Ватани азизамон пешравию пирӯзихо орзумандам.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак!**